آوازِ тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Овози тоҷик

Банӣ одам аъзои якдигаранд!

14 ноябри соли 2026 Шанбе № 91 (15310)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

БУҶАИ ДАВЛАТИИ СОЛИ 2027 НИЗ САМТИ ИҶТИМОИИ ХУДРО НИГОҲ МЕДОРАД

Президент Шавкат Мирзиёев 13 ноябр бахшида ба нишондиҳандаҳои мақсадноки Буҷаи давлатӣ барои соли 2027, дурнамои асосии макроиқтисодӣ ва самтҳои афзалиятноки сиёсати буҷету андоз ҷамъомад барпо намуд.

Таъкид гардид, ки тибқи ҷамъбасти соли ҷорӣ на кам аз 8 фоиз рушд кардани иқтисодиёти мамлакат, аз 200 миллиард доллар афзудани ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва аз 5,2 ҳазор доллар зиёд гардидани даромад ба ҳар сари аҳолӣ дар назар аст.

Натиҷаҳое, ки ба даст омадаанд, барои гузариш ба марҳалаи нави рушди иқтисодиёт заминаи устувор фароҳам меоранд. Бахусус, ҳадаф гузошта шудааст, ки то соли 2030 ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 300 миллиард доллар ва даромаде, ки ба ҳар сари аҳолӣ рост меояд, дар даҳ соли оянда ба 10 ҳазор доллар расонда шавад.

Дар Конститутсия Ӯзбекистон чун давлати иҷтимоӣ эътироф гардида, инсон, ҳаёт ва қадру қимати ӯ ба сифати арзиши олӣ арзёбӣ шудааст. Тамоюли неки «Барои қадри инсон» ба меъёри асосии тамоми ислоҳоте табдил ёфтааст, ки дар Ӯзбекистони Нав амалӣ мегарданд. Зеро мазмуну моҳияти воқеии рушди иқтисодӣ, пеш аз ҳама, натиҷаҳои он бояд дар зиндагии ҳар як инсон, ҳар як хонавода эҳсос шаванд, дар бехтар гардидани сатҳи некӯаҳволии мардум, густариши имкониятҳои истифода аз таҳсилоти босифат ва хидматрасониҳои тиббӣ, фароҳам гардидани шароити муносиб барои зиндагӣ зоҳир гардад.

Самти иҷтимоии худро нигоҳ доштани Буҷаи давлатӣ дар соли оянда низ маҳз ба татбиқсозии ҳамин ҳадафҳои афзалиятнок хидмат хоҳад кард.

Аз ҷумла, барои маблағгузории ислоҳоте, ки дар соҳаҳои таълим ва тандурустӣ амалӣ мегарданд, дар маҷмӯъ равона кардани қариб 176 триллион сӯм маблағ ба нақша гирифта шудааст. Аз ин миқдор, барои соҳаи таълим ҷудо кардани 114,3 триллион сӯм (нисбат ба соли гузашта 14 триллион сӯм зиёд) ва барои тандурустӣ 61,4 триллион сӯм (нисбат ба соли гузашта 12 триллион сӯм зиёд) дар назар аст.

Инчунин, барои беҳтар намудани инфрасохтори минтақа ва маҳалла, баланд бардоштани сатҳи шуғл ва даромади аҳолӣ, рушди сармояи инсонӣ ва тақвияти ҳифзи иҷтимоӣ ҷудо намудани 70 триллион сӯм пешбинӣ мегардад.

Таъкид шуд, ки барои маблағгузории устувори уҳдадориҳои иҷтимоӣ, дар сатҳи на кам аз 7 фоиз таъмин намудани суръати рушди солонаи иқтисодиёт, ба кор андохтани захираҳои мавҷуда ва омилҳои нави технологӣ зарур аст.

Бо ин мақсад, аз соли оянда гузаштан ба модели нави рушди иқтисодӣ, офаридани арзиши иловашудаи баланд дар ҳар як бахш, афзунсозии самарадории меҳнат, густариши иқтидори содиротӣ ва зиёд намудани ҷойҳои кори сердаромад чун вазифаҳои асосӣ муайян мегарданд.

Дар ҷамъомад равишҳои нав, ки ба таъмини рушди баланди дарозмуддати иқтисодӣ нигаронида шудаанд, баррасӣ гардиданд. Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки истеҳсолоти рақобатпазири ба содирот нигаронидашуда, интиқоли технология, самарадории сармоягузорӣ, суботи макроиқтисодӣ ва мутобиқшавии сиёсати иқтисодӣ ба шароити тағйирёбанда омилҳои асосии рушди устувор мебошанд.

Бинобар ин, асоси модели нави рушди иқтисодиро сиёсати муосири саноатӣ ташкил хоҳад кард. Ин сиёсат ба роҳандозии истеҳсоли маҳсулоти дорои арзиши иловашудаи баланд, ҷалби технологияҳои пешрафта, тақвияти ҳамгироии корхонаҳои миллӣ ба занҷираҳои байналмилалии истеҳсолӣ ва диверсификатсия намудани сохтори содирот нигаронида шудааст.

Бахусус, ҷиҳати рушди босуръати соҳаҳои кимиё ва нафту кимиё, мошинсозӣ, электротехника, нассоҷӣ, дорусозӣ ва дигар соҳаҳои ояндадори саноат стратегияи нав таҳия карда мешавад.

Дар доираи сиёсати нави саноатӣ ҷалби ширкатҳои бузурги байналмилалӣ ва сармоягузоронро соҳиби брендҳои маъруф ба ҳар як соҳаи афзалиятнок, ташкили минтақаҳои муосири саноатӣ, амиқсозии раванди маҳаллисозӣ ва баланд бардоштани иқтидори технологии корхонаҳо ба нақша гирифта шудааст. Соли 2027 барои ҳар як соҳаи ояндадор ҷалби на кам аз 2–3 сармоягузори бузург дар назар аст.

Ҳамзамон, ба азхуд намудани самтҳои нав, чун нимноқилҳо, робототехника, биотехнология, истеҳсоли қисмҳои эҳтиётии баландтехнологӣ ва аккумуляторҳо барои электромобилҳо диққати махсус зоҳир мегардад.

Барои татбиқсозии ин мақсадҳо роҳандозии механизмҳои нави ҳавасмандгардонии ҷалби брендҳои байналмилалӣ, дастгирии таҳқиқоти илмию тадқиқотӣ ва коркардҳои нав, инчунин рушди истеҳсолкунандагони миллии рақобатпазир пешбинӣ мешаванд.

Барои таъмини идомаи рушди иқтисодӣ пайгирона идома додани ислоҳоти сохторӣ низ аҳамияти калон дорад. Дар ин самт трансформатсияи корхона ва бонкҳои давлатӣ, суръат бахшидан ба равандҳои хусусигардонӣ, такмил додани инфрасохтори энергетикӣ ва нақлиёт, рушди сармояи инсонӣ ва анҷом додани раванди узвият ба Созмони ҷаҳонии савдо ҳамчун вазифаҳои афзалиятнок муайян гардиданд.

Дар ин раванд ба равона намудани сармоягузориҳои давлатӣ барои фароҳам овардани шароити мусоид ба сармояи хусусӣ, ташаккулии механизмҳои муосири маблағгузории рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани самарадории иқтисодии сармоягузорӣ диққати махсус дода мешавад.

Дар ҷамъомад нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ барои соли 2027 низ баррасӣ гардид.

Тибқи ҳисобҳо, дар соли 2027 ба 232 миллиард доллар расидани ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ пешгӯӣ мешавад.

Ҳамзамон, дар соли 2027 то 6 фоиз ва дар солҳои 2028–2029 то 5 фоиз коҳиш додани сатҳи таваррум, қариб ба 40 миллиард доллар расондани ҳаҷми содироти бидуни тилло дар соли 2027 дар назар аст.

Дар тақдимот гуфта шуд, ки барои соли 2027 ба миқдори 416 триллион сӯм муайян кардани даромади Буҷаи давлатӣ ва 464 триллион сӯм муқаррар намудани хароҷот дар назар аст. Лоиҳаи буҷет дар асоси пешгӯии 7-фоизаи рушди иқтисодӣ таҳия мегардад.

Дар шароити номушаххасии геосиёсӣ ва иқтисодии ҷаҳон ба таъмини суботи макроиқтисодӣ диққати махсус зоҳир гардид. Бахусус, соли оянда аз 6 фоиз зиёд накардани сатҳи таваррум, нигоҳ доштани касри умумии фискалӣ дар ҳудуди 3 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ чун вазифаи муҳим муайян гардид.

Дар соли 2027 низ бетағйир нигоҳ доштани меъёрҳои асосии андоз дар назар аст. Таъкид гардид, ки дар чунин шароит манбаи асосии афзунсозии даромадҳои буҷавӣ ҳавасмандгардонии фаъолии иқтисодӣ, тавсеаи пойгоҳи андозбандӣ, коҳиш додани ҳиссаи иқтисодиёти пинҳонӣ, инчунин, такмили маъмурияти андозу гумрук мебошад.

Дар робита ба ин, тавассути рақамикунонӣ ва васеъ ҷорӣ намудани технологияи зеҳни сунъӣ аз рӯйи боз ҳам зиёд кардани воридоти андозу гумрук, фароҳам овардани муҳити мусоиду шаффоф барои соҳибкорон вазифаҳои мушаххас муайян гардиданд.

Президент таъкид намуд, ки ҳар як сӯми хароҷоти буҷет бояд натиҷаи амиқ диҳад. Аз ин рӯ, ба масъалаҳои мақсаднок равона намудани маблағ, коҳиш додани хароҷоти бесамар, баланд бардоштани натиҷадории сармоягузории давлатӣ ва субсидия, инчунин таҳкими интизоми буҷет диққати махсус дода шуд.

Бахусус, вазифа гузошта шуд, ки дар доираи барномаи сармоягузорӣ низоми рақамии назорат ба таври озмоишӣ ҷорӣ карда шавад, ки имкони пайгирии пурраи хароҷоти маблағи буҷетиро дар лоиҳаҳои сохтмон фароҳам меорад.

Дар ҷамъомад механизмҳои нави маблағгузории рушди иқтисодӣ низ баррасӣ гардиданд. Тавсеаи иштироки сармояи хусусӣ дар низоми бонкӣ, афзунсозии захираҳои кредитӣ, истифодаи имкониятҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳангоми маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва суръат бахшидан ба ҳамкорӣ бо ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ муҳим арзёбӣ гардид.

Ба масъулон супориш шуд, ки ҷиҳати ҷалби 65 миллиард доллар сармояи хориҷӣ дар соли 2027 нақшаҳои мушахасро дар миқёси соҳа ва минтақаҳо таҳия намоянд.

Дар асоси фикр ва пешниҳодҳое, ки дар ҷамъомад баён гардиданд, самтҳои асосии лоиҳаи Буҷаи давлатӣ барои соли 2027 муайян карда шуданд.

Мувофиқи қонунгузорӣ, лоиҳаи мазкур ва чорабиниҳои таъмини иҷрои он дар шӯроҳои маҳаллӣ баррасӣ гардида, дар ниҳоят ба Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис пешниҳод мешавад.

ЎзА.



Дар шаҳри Бухоро барои бо шуғл фарогирии аҳолӣ, бахусус занону духтарон, ба таъсис додани ҷойҳои нави корӣ ва рушди истеҳсолот эътибори алоҳида дода мешавад.

Корхонаи дӯзандагии «Шоҳигул» яке аз чунин корхонаҳо мебошад. Дар ин ҷо 400 нафар занону духтарони маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардидаанд. Дар байни онҳо заноне низ ҳастанд, ки аз муҳоҷирати меҳнатӣ дар хориҷ кишвар ба ватан баргаштаанд.

Барои кормандони фабрика нақлиёти ройгони хидматрасонӣ ташкил карда шудааст, онҳо бо хӯроки гарм низ таъмин мебошанд. Музди меҳнати моҳонаи коргарон вобаста ба ҳаҷми кори иҷрокарда аз 3 то 10 миллион сӯмро ташкил медиҳад.

Маҳсулоти дӯзандагии корхона на танҳо ба бозори дохилӣ, балки ба кишварҳои хориҷӣ низ содир карда мешавад.

***Дар акс:** дар корхонаи дӯзандагии «Шоҳигул»-и шаҳри Бухоро.*

Суратгир: Т. ИСТАДОВ (ЎзА).

РӮЗҲОИ КИНОИ ҚАЗОҚИСТОН ДАР ЎЗБЕКИСТОН

Дар Қасри санъати кинои миллии Ӯзбекистон рӯзҳои кинои Қазоқистон баргузор гардид. Дар доираи ин чорабинии фарҳангӣ шаш филми киностудияҳои «Қазоқфилм» ва «Кинопарк» ба намоиш гузошта шуданд. Ин филмҳо асосан дар солҳои охир наворбардорӣ шудаанд.

Раиси кинематографияи Ӯзбекистон Матёқуб Матҷонов гуфт, ки дар солҳои охир байни эҷодкорони кинои ду ҷумҳурӣ робитаю ҳамкориҳо бештар мегардад ва дар заминаҳои муштаракоти таъриху фарҳанг ва дигар арзишҳои маънавӣ ба навор гирифтани асарҳо дар назар аст.

Воқеан, ҳоло метавон гуфт, ки робитаҳои фарҳангӣ барои боз ҳам густариш пайдо кардан заминаҳои зиёд доранд. Аз ин боис, сафири Қазоқистон дар Ӯзбекистон Ералӣ Дукҷонов таъкид намуд, ки равобити иқтисодӣ ва саноативу сиёсӣ хеле дар дараҷаи олӣ аст, рӯзе аз сарҳадҳоямон то панҷоҳ ҳазор нафар убур мекунанд, аммо аз лиҳози фарҳангӣ ва маънавиву адабӣ ҳанӯз ба дараҷаи бояду шояд мо ҳамдигарро намешиносем, аз ин боис чунин чорабиниҳо байни ҷумҳуриҳои минтақа вусъат дошта бошанд ва мо фазои ягонаи фарҳангии Осиёи Марказиро ба вуҷуд оварда тавонем, ки дар ҷаҳон низ моро чун фазои ягонаи фарҳангӣ шиносанд.

Эҷодкороні филмҳои «Ваҳшӣ», «Емрӣ», «Хонаводаи ягонаи қазоқ» дар маросими ифтитоҳи Рӯзҳои кино ширкат намуда, дар бораи ин филмҳо маълумот доданд.


(Мухбири худамон).

ИСЛОҲОТИ ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ ДАР МАРКАЗИ ТАВАҶҶУҲИ ҶОМЕАИ ЧИН

Назари коршиносони пешсафи Чин дар бораи китоби Президент Шавкат Мирзиёев, ки дар Пекин ба нашр расид

Китоби Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев таҳти унвони «Ӯзбекистон дар роҳи рушди устувор ва шукуфоӣ», ки ба забони чинӣ дар Пекин ба нашр расид, дар байни коршиносон, намояндагони ҷомеаи илмиву академӣ ва доираҳои соҳибкории Чин таваҷҷуҳи зиёдро ба бор овардааст.

Пяо ЯНФАН, муовини дабири кулли Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ):



– Ба нашр расидани асарҳои сарвaрони давлатҳои узви СҲШ ба рӯҳияи «Шанхай», ки бар пояи эътимоди мутақобила, баробарҳуқуқӣ, эҳтиром ба гуногунии тамаддунҳо ва талош барои рушди муштарак асос ёфтааст, комилан мувофиқат мекунад. Омӯхтани таҷрибаи шарикон дар соҳаи идоракунии давлатӣ барои амиқтар дарк намудани роҳҳои мустақилонаи онҳо дар самти навсозӣ мусоидат менамояд.

Дар китоби Президент Шавкат Мирзиёев, ки дар Чин ба табъ расидааст, натиҷаҳои амалии ислоҳоте, ки ба баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ва таҳкими ҷозибаи сармоягузории кишвар равона шудаанд, ба таври васеъ инъикос ёфтаанд.

Қобили зикр аст, ки боби алоҳидаи китоб ба ҳамкории ҷумҳурӣ бо СҲШ бахшида шудааст. Ташаббусҳое, ки Президент дар доираи ин созмон пешниҳод кардааст, ба таҳкими ҳамкориҳои сиёсӣ, амният, робитаҳои мутақобилаи иқтисодӣ ва мубодилаи фарҳангиву гуманитарӣ нигаронида шудаанд.

Сун ВЭЙДУН, дабири кулли котиботи формати «Осиёи Марказӣ – Чин»:



– Нашри нави китобро барои хонандагони чинӣ сарчашмаи муҳим дар роҳи дарки моҳият ва аҳамияти ислоҳоти васеъмиқёсе медонем, ки таҳти роҳбарии Президент Шавкат Мирзиёев амалӣ мегарданд. Ҳамзамон, ин асар барои фаҳмидани роҳи миллии рушди Ӯзбекистони Нав, инчунин самтҳои афзалиятноки сиёсати дохилӣ ва хориҷии он аҳамияти муҳим дорад.

Бо қаноатмандӣ бояд таъкид кард, ки дар китоб ба масъалаҳои ҳамкории минтақавӣ, аз ҷумла, рушди робитаҳо дар доираи формати «Осиёи Марказӣ – Чин» таваҷҷуҳи зиёд зоҳир шудааст.

Бовар дорам, ки ин китоби роҳбари давлат барои ҷомеаи коршиносони Чин дастури муҳим хоҳад буд. Ба мардуми Ӯзбекистон рушди устувору шукуфоӣ ва фатҳи қуллаҳои боз ҳам баландтарро орзумандам.

Ван БО, раиси ширкати «CAMCE» (China CAMC Engineering Co.):


– Китоби Президент Шавкат Мирзиёев барои доираҳои соҳибкории Чин, ки ба ҳамкориҳои дарозмуддат бо Ӯзбекистон манфиатдоранд, низ аҳамияти муҳим дорад. Дар солҳои охир ислоҳоти васеъмиқёсе, ки дар кишвар амалӣ мешаванд, ҷолибияти муҳити соҳибкориро ба таври назаррас афзуда, барои сармоягузорони хориҷӣ шароити мусоид фароҳам овардаанд.

Аз ҷумла, ширкати мо ба сохтмони Шаҳраки олимпӣ, ки аз ҷониби Президент баҳои баланд гирифтааст, инчунин ба ду лоиҳаи бузурги истеҳсоли неруи барқ тавассути коркарди партовҳо дар шаҳрҳои Тошканд ва Андиҷон сармоягузорӣ кардааст.

Ин лоиҳаҳоро метавон саҳми амалии соҳибкории Чин дар татбиқи сиёсати Президент Шавкат Мирзиёев оид ба рушди энергетикаи «сабз» ва табдил додани иқтисодиёт ба низоми аз ҷиҳати экологӣ устувор арзёбӣ кард.

Бо мақсади амиқтар дарк намудани моҳияти тағйирот ва самтҳои стратегии афзалиятноки кишвар нақша дорем, кормандони ширкати худро, ки дар Ӯзбекистон фаъолият доранд, бо ин китоб аз наздик шинос намоем.

Ли ЧИГО, директори Институти Авруосиёи Академияи масъалаҳои байналмилалии Чини назди ВКХ ҶМЧ:



– Ман ба равишҳои Президент Шавкат Мирзиёев дар самти идоракунии давлатӣ ва натиҷаҳои ислоҳоте, ки дар китоб инъикос ёфтаанд, баҳои баланд медиҳам.

Қобили зикр аст, ки дар соҳаи сиёсати хориҷӣ муносибатҳо бо кишварҳои ҳамсоя ба сатҳи сифатан нав баромада, бо ташаббуси Ӯзбекистон механизми вохӯриҳои машваратии сарварони давлатҳои Осиёи Марказӣ ташаккул ёфт. Муҳимтар аз ҳама, таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ бо рушди муносибатҳои устувори Ӯзбекистон бо тамоми кишварҳои ҷаҳон ҳамоҳанг сурат мегирад.

Фу СЯОТСЯН, директори Академияи муносибатҳои муосири байналмилалии Чин:



– Дар китоби Президент консепсияи стратегии ислоҳоти Ӯзбекистони Нав ба таври муназзам баён гардидааст. Он робитаи мутақобилаи рушди миллӣ, сиёсати иҷтимоӣ ва хориҷиро равшан нишон медиҳад. Дар даҳ соли охир ҷумҳурӣ омилҳои либерализатсияи иқтисодиёт, боз будан ба ҷаҳон ва беҳтар намудани сифати зиндагиро пайваста бо ҳам муттаҳид месозад.

Рушди устувор такя ба хусусиятҳои миллӣ ва манфиатҳои аҳолиро тақозо мекунад. Дар муқоиса бо асарҳои Си Ҷинпин дар бораи идораи давлатӣ, метавон муштаракоти равишҳоеро дид, ки ба баланд бардоштани шаъну шарафи инсон нигаронида шудаанд ва ҳамзамон ба ҳуқуқи ҳар як кишвар барои интихоби мустақилонаи роҳи рушди худ эҳтиром мегузоранд.

Аз ин нуқтаи назар, ман принсипи пешниҳодкардаи Президент Шавкат Мирзиёевро, ки тибқи он «На халқ ба мақомоти давлатӣ, балки мақомоти давлатӣ бояд ба халқ хидмат кунанд», комилан ҷонибдорӣ менамоям.

Сун ЛИТСЗЕ, сафири собиқи Ҷумҳурии Мардумии Чин дар Ӯзбекистон:



– Ба забони чинӣ нашр шудани китоб аз нуқтаи назари таҳкими робитаҳои фарҳангиву гуманитарӣ ва табодули таҷриба дар соҳаи идоракунии давлатӣ аҳамияти муҳим дорад. Аз наздик шинос шудани ҷомеаи Чин бо ислоҳоти Ӯзбекистони Нав барои амиқтар дарк намудани миқёс ва моҳияти тағйироте, ки таҳти роҳбарии Президент Шавкат Мирзиёев амалӣ мешаванд, мусоидат хоҳад кард.

Пан ДАПЭН, муовини директори Институти Россия, Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказии Академияи илмҳои иҷтимоии Чин:

– Хусусияти фарқкунандаи китоби Президент Шавкат Мирзиёев дар он аст, ки он имкон медиҳад раванди бунёди Ӯзбекистони Навро ҳамчун татбиқи пайгиронаи барномаҳои стратегӣ баррасӣ намоем.

Рушди инсонмеҳвар, ки тавассути коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ, ислоҳоти низомҳои маорифу тандурустӣ ва тақвияти институти маҳалла амалӣ мегардад, дар ин раванд омили ҳалкунанда ба шумор меравад.

Вэй РАО, раиси ширкати «Shenzhen New Industries Biomedical Engineering»:



– Пеш аз ҳама, мехоҳам барои ба забони чинӣ нашр шудани асари Президент Шавкат Мирзиёев изҳори сипос намоям. Бешубҳа, ин китоб барои таҳкими ҳамдигарфаҳмӣ ва муносибатҳои дӯстона миёни халқҳои мо мусоидат хоҳад кард.

Китоб дар фаъолияти минбаъдаи ширкати мо дар Ӯзбекистон нақши дастури роҳнамо ва барномавиро ичро хоҳад кард.

Аз номи ширкате, ки дар соҳаи тандурустӣ таҷрибаи ҳамкории бисёрсоларо бо Ӯзбекистон дорад, мехоҳам изҳор намоям, ки мо ба густариши минбаъдаи робитаҳоямон манфиатдор ҳастем. Ба мардуми кишвар дар оянда муваффақиятҳои бузург орзумандам.

АИ «Дунё».

Баробари тараққӣ ёфтани илму техника, ки маҳсули хираду заковати баланди инсонӣ аст, ҳаёти ҷомеа низ тағйир ёфта, мунтазам рӯ ба ободӣ меорад. Инсоният андӯхтаҳои худро сайқал дода, пайваста аз он меандешад, ки дар иҷрои ин ё он кор вақти худро сарфа кунад ва ба ин минвол даромади бештаре ба даст овардаву зиндагиашро рушд бахшад. Замоне аз аспу ароба, уштуру хар кор мегирифтанд ва ин воситаи ҳамлу нақл низ ташвишҳо доштанд. Ҳоло ҷойи онҳоро мошин, қатора, киштиҳои азим ва ҳавопаймоҳо гирифтаанд, ки инсоният ҳаёти худро бидуни ин воситаҳо тасаввур ҳам намекунад.

ҚАШҚАДАРЁ: САДАМАҲОИ АВТОМОБИЛӢ КАМ ШУДАНД, АММО...



Нақлиёт, чи ҷамъиятиву чи шахсӣ як ҷузъи муҳими ҳаёти рӯзмарраи мо гаштааст. То ки ин нақлиёт бидуни монеаҳо ва орӣ аз хавфу хатарҳо хидмат кунанд, роҳҳои тахту ҳамвор сохта мешаванд, қоидаи махсуси ҳаракат низ ҷорӣ шуда, қоидаву қонунҳои гуногун рӯйи кор меоянд. Барои танзими дурусти ҳаракат ниҳодҳои махсусе низ созмон ёфтаанд, ки пайваста амнияти ҳаракати нақлиётро дар роҳҳо зери назорат мегиранд. Аммо бо ҳама часпу талошҳо, ки кормандони бозрасиии автомобилӣ доранд, садамаҳои нақлиётӣ дар роҳҳо комилан аз байн намераванд ва ҳар гоҳ дар ин ё он гӯшаи кишварамон рух додаву табъҳоро хира ва қалбҳоро гирифтори андӯҳ месозанд.

> ***Назар ба маълумоти Кумитаи миллии омори ҷумҳурӣ, дар ҳудуди кишварамон дар як шабонарӯз ба ҳисоби миёна 12 ҳодисаи вобаста ба садамаи нақлиёт рӯй медиҳад. Танҳо дар нӯҳ моҳи соли ҷорӣ дар саросари ҷумҳурӣ 3391 садамаи нақлиётӣ ба қайд гирифта шудааст ва ин далели он аст, ки шумори ҳодисаҳои нохуш дар роҳҳои мо нигаронкунанда боқӣ мемонанд.***

Дар раддабандии садамаҳои нақлиётӣ вилояти Самарқанд пешгом буда, моҳҳои январ-сентябри соли 2026 дар минтақа 471 ҳодисаи садамаи нақлиётӣ рух додааст. Дар байни вилоятҳо Намангон бо нишондоди 77 садамаи автомобилӣ дар мақоми охир қарор дорад.

Аммо дар вилояти Қашқадарё дар даҳмоҳаи соли 2026 дар маҷмуъ 292 ҳодисаи садамаи нақлиётӣ рух додааст ва ин нишондод дар ҳамин давраи соли 2025 ҷамъ 407 ададро ташкил мекунад. Ин маълумотро ба мо аз Сарраёсати амнияти ҳаракати роҳҳои вилоят тақдим карданд. Аз таҳлили ин арқом маълум мегардад, ки шумори садамаҳои автомобилӣ дар даҳмоҳаи соли 2026 ба 115 ҳолат коҳиш ёфтааст. Албатта, ин арқом хушҳолкунанда аст ва маълум мегардад, ки кормандони Раёсати амнияти ҳаракати роҳҳои вилоят хулосаи зарурӣ баровардаву чорабинии бехатарии ҳаракатро дар роҳҳо шадидтар сохтаанд. Аз маълумотномаи ин сарраёсат аён мегардад, ки то охири моҳи октябри соли 2026 дар шаҳру навоҳии вилояти Қашқадарё 167 ҳодисаи садамаи нақлиётӣ, ки ба чароҳатҳои ҷисмонӣ тааллуқ доранд, ба қайд гирифта шуда, парвандаи ҷиноятӣ низ боз гардидаанд. Аммо дар ҳамин давраи соли равон 125 садамаи автомобилӣ рух додааст, ки бо марги шахрвандон тавъам буда, басо андӯҳбор аст. Аз рӯйи раддабандии шаҳру ноҳияҳои вилояти Қашқадарё шаҳри Қаршӣ дар идомаи даҳ моҳи соли 2025 (80) ва дар ҳамин давраи соли 2026 бо 36 садамаи автомобилӣ дар ҷойи аввал қарор дорад.

Дар байни ноҳияҳои вилояти Қашқадарё садамаҳои нақлиётӣ дар даҳ моҳи соли 2025 дар ноҳияи Миришкор камтар ба қайд гирифта шудааст ва шумори умумии онҳо 5-торо ташкил медиҳад. Аммо дар ҳамин давраи соли 2026 дар ноҳияҳои Миришкор ва Нишон 8-тоӣ садамаи нақлиётӣ ба вуҷуд омада, дар аввалӣ 5 нафар ҷон бохтаанд ва дар баъдӣ 3 кас ҳалок шудаанд. Садамаҳои автомобилие, ки бо марги бештари шахрвандон ба қайд омадаанд, дар ноҳияҳои Кӯкдала (14) ва дар Чироқчӣ (13) буда, аз амният дур будани роҳҳои ин навоҳӣ, ё бетафовутии ронандагонро ба ҳаёти худу мусофирон бозгӯ мекунанд.

Корманди Раёсати амнияти ҳаракати роҳҳои автомобилии вилояти Қашқадарё Алишер Ашуров гуфт, ки дар даҳ моҳи соли ҷорӣ аз ҷониби кормандони ин идора нисбат ба ҳодисаҳои нақлиётӣ 292 бор муҳокимаи профилактикӣ гузаронида шудаанд. Вай таъкид кард, ки бо насби дурбинҳои назоратӣ ва таҷҳизоти радар дар минтақаҳои гуногуни роҳҳои автомобилгард ва пайваста ташкил намудани санҷишҳо (рейдҳо) ҷилави ронандагонеро мекашанд, ки қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва марбут ба ҳолати нигаҳдошти автомобилҳоро вайрон мекунанд. Назар ба гуфтаи ӯ, аксари садамаҳои нақлиётӣ маҳз дар ҳолати мастӣ, риоят нагардидани қоидаҳои мавҷуда ва носозии техникии автомобилҳо рух медиҳанд. Ҳоло қонунҳои вобаста ба ҳаракат дар роҳ шадид шудаанд ва ин вомил ба кам шудани садамаҳои нақлиётӣ дар ҷодаҳо мусоидат мекунанд.

Ҳамсуҳбати ман таъкид кард, ки дар соли 2026 яке аз мудҳиштарин садамаи нақлиётӣ дар ноҳияи Чироқчӣ ба қайд гирифта шудааст, ки дар натиҷаи барҳӯрди мошинҳои тамғаи «Ласетти» ва «Нексия» 5 нафар ҷон бохтаанд.

Маълум мегардад, ки садамаи нақлиётӣ на танҳо ба ҷони одамон таҳдид мекунад, балки бахше аз онҳоро абадан маъюб сохта, ҳаётро барояшон талх менамояд. Чунин ҳодисаҳои нохуш, албатта, дар пай зарари иқтисодӣ низ доранд, ки мутаассифона, аз ҷониби ягон ташкилот ҳисоб намешанд.

Шариф ХАЛИЛ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.

САМАРҚАНД МИЗБОНИ МАРАФОНИ ҶАҲОНӢ

Дар ин рӯзҳои тирамоҳи заррин Самарқанд ба майдони рақобати пойгаҳтозони ҷаҳон табдил ёфт. Зеро аз соли 2019 инҷониб дар ин шаҳри бостонӣ марафони байналмилалии «Samarkand marafon» баргузор гардида, сол то сол шумораи иштирокдорон меафзояд.

Агар дар соли аввали баргузории ин мусобиқаи бонуфуз аз 25 кишвари ҷаҳон 1100 нафар варзишгар ба Самарқанд омада бошанд, имсол аз 67 кишвари ҷаҳон 2103 нафар варзишгари хориҷӣ ва дар маҷмӯъ 10 ҳазору 446 нафар барои пирӯзӣ талош варзиданд.

Меҳмони олиқадри мусобиқаҳои байналхалқӣ, қаҳрамони чоркаратаи Бозиҳои олимпӣ ва шашкаратаи ҷаҳон аз Британиёи Кабир Мо Фара ба марафон оғоз бахшид ва даъвогарон аз майдони Регистон пойгаро сар карданд .

Дар масофаи 42 километру 195 метр пирӯзӣ ба вакили Испания Леонард Барсотон насиб гардид. Вакили Ӯзбекистон Андрей Петров ҳамагӣ бо 18 сония фарқ аз ғолиб ба марра расида, соҳиби ҷойи дуюм шуд. Зинаи савум ба варзишгар аз Эфиопия Мамо Менгисту насиб кард.

Дар ҳамин масофа дар байни бонувон аз Эфиопия Обсе Абдета чемпион шуд.

Голибону ҷоизадорони марафони байналхалқӣ бо мукофоти пулӣ ва туҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардиданд.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.

Аз ҳаёти маҳалла

ПАНСАДА – МАҲАЛЛАИ ҲУНАРМАНДОН

Ҳунарҳои миллӣ, ки дар тӯли асрҳо сайқал меёбад, мероси бебаҳои маънавии мардумӣ мебошанд. Дар кишварамон барои ҳифз кардан ва инкишоф додани ин мерос корҳои васеъмиқёс амалӣ мешаванд.

Чустиён аз азал бо ҳунарҳои оҳангарӣ, нонвоӣ, мисгарӣ, кордсозӣ, тоқидӯзӣ, оҳангарӣ ва гаҷкорӣ машғуланд.



Аз ҷумла, маҳаллаи Пансада, ки аз мавзеъҳои қадимии ноҳияи Чуст мебошад, бо мероси таърихӣ, ҳунармандӣ ва инфрасохтори замонавии сайёҳии худ машҳур аст. Мардуми маҳалла асосан бо ҳунармандӣ машғуланд. Ин ҷо дар 1280 хонадон 5740 аҳолӣ зиндагӣ мекунад.

– Барои боз ҳам беҳтар кардани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва ба маскани шукуфон табдил додани маҳалла рушди минбаъдаи инфрасохтори дохилӣ, минтақаҳои сабз, барпо кардани майдончаҳои замонавии варзишӣ, беҳсозии таъминоти барқ ва оби нӯшокӣ ба нақша гирифта шудаанд, – мегӯяд раиси маҳалла Муродҷон Йӯлдошев. – Машғулоти асосии сокинон ҳунармандист. Ҳар узви хонадон бо як ҳунари дӯстдоштаи худ машғул аст. Оилаҳое ҳастанд, ки корхонаҳои хурди хусусӣ ташкил карда, маҳсулоти худро ҳатто ба давлатҳои хориҷӣ содир мекунанд. Барои рушди соҳа ва ба як манзил ҷамъ овардани ҳунармандон дар маҳалла «Маскани ҳунармандон» ташкил карда мешавад. Барои ин аз ҷониби давлат 8 миллиард сӯм маблағ ҷудо карда шудааст ва айни замон корҳои бинокорӣ дар авҷ мебошад. Дар доираи лоиҳа мувофиқи анъанаҳои миллӣ устохонаҳои истеҳсолӣ, майдончаҳои савдо, павилионҳои намоишӣ ва иншооти хидматрасонӣ сохта мешаванд. Бояд гуфт, ки « Маскани ҳунармандон» дар рушди ҳунарҳои маҳаллӣ, барои ба ҷавонон омӯхтани касбу ҳунар, ба роҳ мондани тиҷорати маҳсулоти тайёр ва афзудани салоҳияти сайёҳӣ нақши муҳим мебозад. Дар ин ҷо баҳри дастгирӣ кардани фаъолияти ҳунармандон ҳамаи шароит ва имкониятҳои зарурӣ фароҳам оварда шуда, зиёда аз 100 ҷойи корӣ ташкил карда мешаванд. Инчунин, барои фурӯши маҳсулоти тайёр майдонҳои намоишӣ ва растаҳо сохта хоҳанд шуд. Меҳмононе, ки ба маҳалла меоянд, имкон доранд, бо маҳсулоти ҳунарҳои миллӣ шинос шаванд ва аз соҳибони ҳунар дар бораи маҳсулоти тайёрнамудаашон маълумотҳои зарурӣ гиранд. Лоиҳа асосан барои ба ҷавонон омӯхтани ҳунар нигаронида шудааст. Корҳои амалӣ дар асоси анъанаи «устоду шогирд» ба роҳ монда мешаванд. Ҷавонон дар ин ҷо асрори ҳунарҳои қадимиро меомӯзанд, то дар оянда мутахассисони соҳибихтисос шаванд. Гайр аз ин дар маҳалла баргузор кардани намоишҳои гуногун, ҷашнвораҳои ҳунармандӣ, вохӯриҳои эҷодӣ ва чорабиниҳои фарҳангӣ ба нақша гирифта шудаанд. Ин лоиҳаи нави ҳунармандӣ ва сайёҳӣ дар ривоҷу равнақи ҳунарҳои миллӣ, ҳифзи мероси фарҳангӣ ва саҳмгузорӣ дар рушди иқтисодӣ қадами муҳим мебошад.

Ҳоло дар растаҳои ҳунармандӣ, ки дар дохили бозори калони маҳалла ҷойгир шудаанд, зиёда аз 200 ҳунарманд кор мекунанд. Оҳангар Баҳром Йӯлдошев аз ҳунармандони номдори он ба шумор меравад.

– Оҳангарӣ ҳунари одӣ нест, он дар тӯли асрҳо аз насл ба насл гузашта меояд. Бо додарам Толибҷон ва фарзанду набераҳо бо ин ҳунар машғулем, – мегӯяд оҳангари моҳир. – Соҳиби ҳунар ҳеч гоҳ хор намегардад, гуфтаанд. Бале, ин ҳикмат ҳақиқат дорад. Зеро ҳунар на танҳо ба инсон ризқу рӯзӣ медиҳад, балки боз ӯро сарбаланд мекунад. Ҳунармандон ба василаи ҳунар фарҳанг, таърих ва арзишҳои миллии мардумро ба наслҳои оянда мерасонанд. Дар маҳаллаамон ҳунармандон ва сулолаҳои онҳо бисёранд. Аз ҷумла, ман давомдиҳандаи насли шашуми ҳунари оҳангарӣ ҳастам. Ин ҳунарро аз бобоям, ки якчанд шогирд доштанд, омӯхтаам. Вақте ки хурд будам, эшон дар як хонаи пастаки ҳавлии худ аз субҳ то шом кор мекарданд, ман ҳаракатҳояшонро бо завқ тамошо мекардам. Ба назарам корҳои он кас муъҷиза менамуд, зеро аз як оҳани оддӣ маҳсулоти аҷиб месохтанд. «Оҳангарӣ касбест, ки аз инсон фидокорӣ, сабру тоқат ва матонат талаб мекунад. Чунки ҷараёни кор бо техника не, балки бо дасти ҳунарманд иҷро мешавад», – мегуфтанд бобоям.

Мо ин ҳунарро идома дода, асрори касби оҳангариро ба талаботи замон мувофиқ мекунем, анъанаи «устоду шогирд»- ро давом медиҳем, ба ҷавононе, ки ба ин ҳунар завқу шавқ доранд, то қадри ҳол меомӯзонем.

Имрӯз ҳар як ҳунарманд устохонаи шахсӣ дорад, дар он ҳамаи шароиту имкониятҳо мавҷуданд. Дар як моҳ то 10 миллион сӯм даромад мегирем. Алҳол нигоҳ доштани ин мероси куҳан, омӯзонидани ҳунар ба насли ҷавон ва рушди он аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ гардидааст.

Аз он шодам, ки баробари рушди технология ҷавонон ба омӯхтани ин ҳунари дастӣ низ завқ доранд, хурсандиовар аст, ки дар маҳалла «Маскани ҳунармандон» бунёд меёбад ва ба мо барои рушди соҳа боз як имконияти хуб фароҳам меоварад.

Оре, чустиён аз қадимулайём ҳунарҳои меросиро қадр мекунанд. Касе ин ҷо бекору беҳунар нест. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки баробари омӯхтани илм соҳиби ягон касбу ҳунар ҳам шаванд.

Шоҳида ДАМИНОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.

Ширкати ҳавопаймоии «Pegasus Airlines» (Туркия) нақша дорад, ки аз моҳи декабри соли ҷорӣ парвозҳои мустақими ҳавоиро аз шаҳри Истанбул ба Бухоро ва Андиҷон оғоз намояд. Ҳамчунин, аз моҳи марти соли 2027 ба роҳ мондани чунин парвозҳо ба шаҳри Тирмиз пешбинӣ шудааст.

ПАРВОЗҲОИ НАВ БА САМТИ ТУРКИЯ

– Кишвари мо марҳила ба марҳила имкониятҳои ҷалби сайёҳони хориҷиро тавассути рушди алоқаи байналмилалии ҳавоӣ ва тарғиби самтҳои сайёҳии минтақавӣ васеъ менамояд, – мегӯяд роҳбари Раёсати сиёсати маркетинги Кумитаи сайёҳӣ Азиз Мирҷалилов. – Ин имкон медиҳад, ки марказҳои таърихию фарҳангии кишвар барои сайёҳон аз Аврупо, Амрикои Шимолӣ, Шарқи Наздик ва дигар бозорҳои хориҷӣ дастрас гарданд.

Кӯшишҳои мо натиҷаҳои назаррас медиҳанд. Масалан, дар давоми даҳ моҳи соли 2026 бо мақсади сайёҳӣ ба Ӯзбекистон 11 миллиону 622 ҳазор шаҳрванди хориҷӣ омадааст. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта қариб 1,9 миллион нафар ё 19,4 фоиз зиёд мебошад.

Ҳамзамон, содироти хизматрасониҳои сайёҳӣ низ рӯ ба афзоиш аст. Дар давоми 10 моҳи соли ҷорӣ ҳаҷми он ба 6 миллиарду 75,7 миллион доллар расид. Дар сохтори содироти хизматрасониҳои сайёҳӣ ҳиссаи кишварҳои Осиёи Марказӣ 44,4 фоиз (2,7 миллиард доллар) ва ҳиссаи дигар давлатҳо 55,6 фоиз (3,4 миллиард доллар)-ро ташкил дод. Ҳамин тариқ, содироти хизматрасониҳои сайёҳӣ 20 фоизи ҳаҷми умумии содироти ҷумҳуриро ташкил намуд.



Бояд қайд кард, ки шабакаи хатсайрҳои байналмилалии ширкати ҳавопаймоии «Pegasus Airlines» беш аз 160 самтро дар 58 кишвар фаро мегирад. Ин имкон медиҳад, ки шаҳри Истанбул ҳамчун маркази транзитӣ барои ҷалби ҷараёни иловагии сайёҳон аз Аврупо, Шарқи Наздик ва дигар минтақаҳо истифода шавад.

Т. МИРҲАЁЕВ.
Аксбардор: Р.ГАЛИЕВ.

ҚАДАМҲОИ УСТУВОРИ МАКТАБИ НАВ

Хабари таъсис ёфтани мактаби ихтисосонида ба пиру барнои ноҳияи Сӯх ғурур ва ифтихор бахшид. Ин сарзамини куҳану бостонӣ, мардумаш меҳнатдӯсту меҳмоннавоз, фидокору ҷоннисор, фарҳангдӯсту миҳанпарвар таърихи дуру дароз дорад. Танҳо дар минтақаи барои Ӯзбекистон эксклав воқеъ гаштани ноҳияи Сӯх боис гардида, ки ифтитоҳи чунин мактаби хос чандин сол кашол ёбад. Хушбахтона, ин орзуи аҳли зиё, равшанфикрон ва ҷамъи омӯзгорон амалӣ гардид.

Ҳоло дар шафати роҳи калони Сӯх – Риштон як бинои баланди замонавӣ сохта мешавад, ки барои бунёди он аз буҷаи давлат 30 миллиард сӯм ҷудо шудааст. Бинои нав барои 336 нафар донишомӯз пешбинӣ шуда, пас аз ба истифода супоридани он имкониятҳои мактаб дар ташкили раванди босифати таълим беш аз пеш тавсеа хоҳад ёфт.

Тавре ки раҳбари гурӯҳи сохтмончиёни ширкати «Мумтоз-метал-монтаж» Дилбек Дадабоев мегӯяд, дар ҳамин ҳол 60 нафар коргарони он барои анҷоми корҳои сохтмони бинои сеошёнаи мактаб ва иншооти дигари он вақтро ғанимат шумурда, барои дар вақти муқарраршуда мавриди баҳрабардорӣ қарор додани он талош меварзанд.

– Масоҳати умумии иншоот 10 ҳазор метри мураббаъро ишғол мекунад. Дар масоҳати бештар аз 4 ҳазору 800 метри мураббаъ бинои таълимӣ ва иншоотҳои дигари он сохта мешаванд. Агар мушкилоти интиқоли масолеҳи сохтмон, ки тавассути қаламрави Қирғизистон сурат мегирад, пеш наомад, аз эҳтимол дур нест, ки маросими баҳрабардории ин иншоот аллакай баргузор мегардид, – мегӯяд Дилбек Дадабоев.

Мактаби нави ихтисосонида фаъолияти худро аз 2 сентябри соли 2026 дар бинои фарогатгоҳи солимгардонии ноҳия ҳусни оғоз бахшид. Ба гуфтаи директори мактаб Фаррух Боборустамов таъсиси ин муассисаи таълимӣ барои низоми маорифи ноҳия рӯйдоди муҳим буда, имкониятҳои навро барои хонандагони болаёқат ва омӯзгорони соҳибтачриба фароҳам овард. Ба мактаб хонандагон дар асоси имтиҳон қабул карда шуданд. Ҳоло дар ин муассисаи таълимӣ 288 нафар хонанда, ки 198 нафарро писарон ва 90 нафарро духтарҳо ташкил медиҳанд, ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд.

– Дар 12 синфхонаи ин маскан аз синфи 5 то 11 таҳсил мекунанд. Ҳар як синф 24 нафарӣ донишомӯзонро муттаҳид менамояд. Чунин тарзи ташкили таълим имкон фароҳам меорад, ки ба қобилияту истеъдоди ҳар як хонанда диққати бештар дода шуда, раванди азхудкунии дониш ба тарзи самараноктар ба роҳ монда шавад, – иброз медорад директор.

Самти асосии фаъолияти мактаб омӯзиши фанҳои амиқу дақиқ мебошад. Таваҷҷуҳи махсус ба ин фанҳо метавонад дар рушди тафаккури мантиқӣ, қобилияти таҳлилӣ, малакаҳои таҳқиқотӣ ва омодасозии хонандагон ба озмуну олимпиадаҳои фаннӣ мусоидат намояд.

Барои ҷалби омӯзгорони соҳибкасб таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, ба ҳайати омӯзгорон 25 нафар педагоги варзида дар асоси озмун ва имтиҳон ба кор пазируфта шудаанд.

– Интихоби омӯзгорон дар ду марҳила – санҷиши тест ва суҳбат баргузор шудааст. Гуфта мешавад, чунин усули интихоб барои муайян намудани сатҳи дониш, омодагии касбӣ ва қобилияти педагогии довталабон замина фароҳам меорад, – меафзояд Ф.Боборустамов.

Тавре вай тазаккур медиҳад, имрӯз дар ноҳия барои хонандагони болаёқат имконияти доманфарох фароҳам омадааст. Вазифаи омӯзгорон, роҳбарияти мактаб, падару модарон ва ҷомеа аз он иборат аст, ки ин имкониятро ба натиҷаҳои воқеии таълимӣ табдил дода, барои тарбияи насли донишманду ватандӯст ва соҳибкасб саҳми арзанда гузоранд.

Банда низ ба сифати омӯзгори фанни таърих бар асоси санҷиш ва суҳбат ба ин мактаб ба кор шомил шудам. Ҳоло тамоми донишҳои аз устодони Донишгоҳи давлатии Фарғона гирифтаамро дар роҳи рушди маорифи ноҳия ва камоли шогирдон сарф хоҳам кард.

Ногуфта намонад, чанде муқаддам интихоби шахсе, ки бар маснади директории ин мактаб пазируфта мешавад, дар ҷомеаи Сӯх сару садоҳои зиёдеро ба бор оварда. Дар байни номзадҳо аксарият аз номзадии ҷавони бофарҳангу бомаърифат ва фурӯтану хоксор Фаррух Боборустамов ҷонибдорӣ карданд. Гуфта шуд, ки агар ӯ ин мақомро ишғол кунад, кори таълиму тарбия хеле хуб ба роҳ монда хоҳад шуд ва натиҷа низ.

Дар ҳақиқат, Фаррух Боборустамов дар маснади директорӣ тачрибаи хуб ҳосил кардааст ва чандин сол ҳамчун директори мактаби таҳсилоти умумӣ ифои вазифа дошт.

Шоҳрух ҶАЛОЛОВ.
Ноҳияи СӮХ.

16 ноябр – Рӯзи байналмилалии таҳаммулпазирӣ

ПОЯИ ДӮСТӢ ВА ҲАМДИЛИИ ХАЛҚҲО

Дар кишвари мо таҳкими ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамбастагии байни миллатҳо, таъмини таҳаммулпазирии динӣ ва густариши дӯстиву ҳамдилии халққо яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба шумор меравад. Тӯли солҳои охир бо ташаббус ва дастгирии Президент Шавкат Мирзиёев дар ин самт ислоҳоту иқдомҳои муҳим амалӣ гардида, ташаббусҳои созандаву дорои аҳамияти байналмилалӣ пешбарӣ мешаванд.

Мо роҷеъ ба аҳаммияти таҳаммулпазирӣ дар ҷомеаи имрӯза, тақвияти фаъолияти марказҳои милливу фарҳангӣ, корҳое, ки ҷиҳати ҳифзи забон, фарҳанг, урфу одат ва анъанаҳои намояндагони миллату халқиятҳои гуногун амалӣ мегарданд ва дигар масъалаҳои марбут бо раиси шӯъбаи Маркази милливу фарҳангии тоҷикони Ӯзбекистон дар вилояти Фарғона Масъуд МИРЗО суҳбат оростем.

– Рӯзи байналмилалии таҳаммулпазирӣ моро водор месозад, то бори дигар ба масъалаи эҳтироми ҳамдигар ва ҳамзистии осоиштаи халққо таваҷҷуҳ кунем. Ба назари Шумо, таҳаммулпазирӣ дар шароити имрӯзаи Ӯзбекистон чӣ маъно ва аҳамият дорад?

– Ҷаҳони муосир аз ҷиҳати рушди илмиву фановарӣ ба марҳилаи ҳавасангез расидааст ва сад афсӯс, ки аз лиҳози инқирози маънавию ахлоқӣ, авҷи зӯргӯиву зӯроварӣ ва ҳою ҳавасҳои шайтонии ҷаҳонситонӣ низ ба ҳадди ҳавлангез. Ба фикрам, дар чунин як вазъияти хеле ҳассос сари қудрат будани Шавкат Мирзиёев назари раҳмати Офаридгор ба халқҳои гуногунмиллату гуногунмазҳаби Ӯзбекистон аст.

Солҳои охир Ватани мо аз бадгумониву шубҳа, инзиво ва душмантароширо беасос бо кишварҳои дуру наздик раҳо шуда, ба субҳи нави муносибатҳои дӯстонаву бовармеҳвар расид ва, инак, ҳамкориҳои судманд бо мамолики мутараққии ҷаҳону ҳамсоякишварҳо беш аз пеш густариш меёбад.

Воқеан, дар ин замоне, ки барҳӯрдҳои геосиёсӣ авҷ мегиранд, таҳаммулпазир будан, санъати бо ҳам зистану офариданро ба авлавияти ҳадафи кору зиндагии хеш бардоштан барои ҳамаи кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла Ватани азизи мо – Ӯзбекистон аҳамияти ҳаётӣ дорад.

Маҳз дар ин замина Президент моҳи сентябри соли 2017 зимни суханронӣ дар сессияи 72-юми Маҷмаи умумии СММ ташаббуси қабули қатъномаи «Маърифат ва таҳаммулпазирии динӣ»-ро пешниҳод намуд, ки он 12 декабри соли 2018 якдилона қабул карда шуд. Ин рӯйдод яке аз намунаҳои муҳими эътирофи ташаббусҳои Ӯзбекистон дар арсаи байналмилалӣ дар самти тарғиби маърифат, таҳаммулпазирӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ гардид.

Инчунин, тасдиқи Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар самти муносибатҳои байнимиллӣ, қабули қонун дар бораи таҷлили Рӯзи дӯстии халқҳо, баргузории Форуми наҳустини сулҳ, Форуми дӯстии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Озарбойҷон, ба ҳукми анъана даромадани баргузории «Ҳафтаи таҳаммулпазирӣ», фестивалҳои дӯстии халқҳо ва намоишгоҳҳо, ҳамзамон, дастгирии фаъолияти марказҳои милливу фарҳангӣ аз ҷумлаи иқдомоти шоистае ҳастанд, ки бо мақсади густариши фарҳанги таҳаммулпазирӣ ва эҳтироми мутақобила амалӣ гардидаанд.

> ***16 ноябри соли 1995 дар 28-умин Конфронси генералии ЮНЕСКО Эъломия «Дар бораи тамоюлҳои таҳаммулпазирӣ» қабул гардид. Соли 1996 Маҷмаи умумии СММ ин санаро Рӯзи байналмилалии таҳаммулпазирӣ эълон кард.***

– Солҳои охир муносибатҳои фарҳангии Ӯзбекистон ва Тоҷикистон хеле густариш ёфтанд. Ин раванд ба фаъолияти марказҳои милливу фарҳангии тоҷикони кишварамон дар чӣ сатҳ таъсир расонд?

– Даврони наврасиву ҷавонӣ, донишҷӯӣ, солҳои нахустини фаъолияти меҳнатиам дар Тоҷикистон сипарӣ шуд. Аз ин рӯ, дубора гарму бародарона шудани муносибатҳои Ӯзбекистону Тоҷикистон маро беш аз ҳама шод кард. Иродаи қавии сиёсӣ, дилу нияти пок, сириштии мунаввар аз муҳаббат ба инсон, ба президентҳои муҳтарами Ӯзбекистону Тоҷикистон имкон дод, ки зимистони қаҳратуни нобоварибо ба баҳори гулфишони эътимоду рафоқат табдил диҳанд. Аз файзу баракоти ин баҳори дӯстӣ фаъолияти марказҳои милливу фарҳангии кишварамон низ хеле беҳтар шуд. Хоҷа ҳофиз чӣ қадар ҳаққонӣ ва имрӯзӣ фармудаанд:

Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил ба бор орад,
Ниҳоли душманӣ баркан, ки ранҷи бешумор орад.

Бино ба эътирофи коршиносони сиёсӣ, ташаббус ва ибтикороти созандаи Президент Шавкат Мирзиёев на танҳо дар Ӯзбекистон, балки дар минтақаи Осиёи Марказӣ таҳаввулоти таърихиро ба амал оварда, ки ҳадафи аслӣ ва асосияш ҳифзу ҳимояи манфиату қадри инсон, арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарист.

Бо шарофати дӯстиву бародарии Шавкат Мирзиёев ва Эмомалӣ Раҳмон байни вилоятҳои Фарғонава Суғд низ ҳамкориҳо густариш ёфтанд. Донишгоҳи давлатии Фарғона бо Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ва Донишгоҳи давлати ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ҳамкориҳоро роҳандозӣ намуд. Муҳимтар аз ҳама, талхии ҷудоиҳои иҷборӣ ба лаззати мулоқотҳои гуворо, мубодилаи ҳамкориву таҷрибаҳои судманд бадал шуд.

Бо истифода аз имконот ва шароити мусоид фаъолони маркази мо робитаҳои бесобиқаи ҳамкориро бо муассисаҳои фарҳангӣ, иттиҳодияҳои эҷодӣ, васоити ахбори оммавӣ, олимону адибони маъруфи Тоҷикистон ба роҳ монданд, ки ин барои беҳтар шинохтани ҳамдигар, ҳамкориҳои муфид, бахусус, рушди дипломатияи халқӣ заминаи устувор ниҳод.

– Вилояти Фарғона таърихан минтақаи ҳамзистии намояндагони миллату халқиятҳои гуногун мебошад. Имрӯз муносибатҳои байни миллатҳо дар ин минтақа чӣ гунаанд?

– Воқеан, Фарғона аз қадимулайём ҳамчун минтақаи муҳими пайвандгари Шарқу Ғарб дар арсаҳои сиёсиву иқтисодӣ мақоми хосса доштааст. Инчунин, диёри дӯстиву ҳамбастагии миллату мазҳабҳои гуногун буду ҳаст. Ҳоло дар вилоят ҳашт маркази милливу фарҳангӣ (тоҷик, славян, қирғиз, тотор, турк, немис, яҳудӣ ва корейс) фаъолият доранд.



Бояд гуфт, ки ғамхориву таваҷҷуҳи пайвастае, ки ҳокимият ва дигар сохторҳои давлатии вилоят нисбат ба марказҳои милливу фарҳангӣ доранд, дар дигар вилоятҳо камтар ба назар мерасад. Бахусус, бо ташаббус ва дастгирии ҳокими вилоят Хайрулло Бозоров ҳамаи марказҳо бо автомобилҳои хидматӣ ва утоқҳои замонавӣ таъмин гардидаанд.

«Хонаи дӯстӣ»-и шаҳри Фарғона низ бо шукӯҳу шаҳомати худ воқеан қобили таваҷҷуҳ аст. Ин кохи бошукӯҳро метавон гӯшае аз қалби меҳрубони Ӯзбекистон номид, ки намояндагони миллату халқиятҳои гуногуни вилоятро ба ҳам оварданд аст.

– Маркази милливу фарҳангии тоҷикони вилояти Фарғона ҷиҳати ҳифзу рушди забони модарӣ, фарҳанг, анъана ва расму оинҳои миллӣ кадом самтҳои фаъолиятро муҳим мешуморад ва дар ин замина чӣ иқдомро амалӣ менамояд?

– Мусоидат барои рушди забон, фарҳанг, анъана ва расму оинҳои миллӣ аз вазифаҳои асосии марказ ба шумор меравад. Мо мекӯшем, то ин уҳдадориҳоро бо роҳу усулҳои гуногун, ба қадри имкону тавон иҷро намоем.

Аввало, бо мақсади тарғибу ташвиқи кори марказ, олимон, эҷодкорон, рӯзноманигорон, инчунин, донишҷӯёни бахши тоҷикии донишгоҳро бештар ҷалб менамоем. Иштироки фаъолона ва баромадҳои таъсиргузори онҳо дар чорабиниҳои фарҳангии сатҳи байналмилалӣ, вилоятӣ ва маҳаллӣ, ҷашнҳои милливу таърихӣ имкони хубест барои муаррифии забону фарҳанги тоҷикӣ.

Дувум, мусоидат барои баркарор намудани синфҳои тоҷикӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ. Бояд гуфт, ки роҷеъ ба ин масъала баъзан дар фазои маҷозӣ сару садоҳои гуногун паҳн мешаванд ва мо ҳатман онро пайгирӣ мекунем. Дар аксар маврид натиҷае бармеояд, ки мушкил на бо идораҳои масъул, балки бо худи мо вобаста аст. Масалан, соли гузашта ду нафар аз ноҳияи Риштон хоҳиш карданд, ки барои кушодани синфи тоҷикӣ дар мактаби маҳаллаашон кумак кунем. Ҳамроҳ ба идораҳои дахлдор муроҷиат кардем. Масъала дар боло дар ҳадде ҳал шуд. Масъулон гуфтанд, ки ҳадди ақал аз 15 нафар (падару модарон) ариза биёрем. Ҳафтаҳо гузашт... Маълум шуд, ки ҳамагӣ се нафар ариза додаанду бас...

Сеюм, арҷгузории доимӣ ба шахсиятҳои маъруф, ки барои рушди забону фарҳанги миллӣ, таҳкими дӯстии халқҳо ва баланд бардоштани салоҳияти илмӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва дигар ҷабҳаҳои хоҷагии халқ саҳми назаррас гузоштаанду мегузоранд. Чопи китобҳои «Фарзандони фарзонаи Фарғона»-и Мирасрорри Фарғонӣ ва «Олимони тоҷиктабори Фарғона»-и шодравон Раҳматҷон Аслонзодаро метавон чун мисол оварда.

– Марказ барои оянда чӣ гуна барномаҳои мушаххасро ба нақша гирифтааст? Агар имкониятҳои боз ҳам бештари дастгирӣ фароҳам гарданд, барои рушди ҳаёти фарҳангӣ ва маънавии тоҷикони Фарғона чӣ хел лоиҳаҳоро амалӣ мекардед?

– Яке аз мақсадҳои муҳимтарини марказ таҳкими дӯстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамдилии милливу динӣ, тарғиби ғояи «Ӯзбекистон – хонаи умумии мо» ва эҳсоси масъулият дар назди сарнавишти умумии ҷомеа мебошад.

Агар имкониятҳои бештари дастгирӣ фароҳам шаванд, метавонистем дар самти рушди маърифат, ҳавасмандгардонии истеъдодҳо ва дастгирии ҷавонон як қатор иқдомоти шоистаро анҷом диҳем. Масалан, нашр ва муаррифии китобҳои эҷодии омӯзгорону хонандагон, таъмини китобхонаҳо бо адабиёти бадеии тоҷикӣ, ҳамзамон, таъсиси стипендияҳои махсус барои хонандагону донишҷӯёни аълохон, ғолибони олимпиадаҳо.

Илова бар ин, даъвати адибон, ҳунармандон ва чеҳраҳои маъруфи Тоҷикистон ба шаҳру ноҳияҳои Фарғона ва баргузории маҳфилҳои адабӣ бо иштироки онҳо низ метавонад ба густариши робитаҳо мусоидат намояд.

Ҳамчунин, ташкили сафарҳои маърифатӣ ва сайёҳии наврасону ҷавононро ба шаҳрҳои таърихию фарҳангии Ӯзбекистон ва Тоҷикистон аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти марказ қарор медодем. Зеро ошноӣ бо ёдгориҳои таърихӣ, осори ниёгон, марказҳои илму фарҳанг ва анъанаҳои мардумони ҳар ду кишвар дар ташаккули худшиносии миллӣ, эҳтиром ба мероси таърихӣ ва густариши ҷаҳонбинии насли ҷавон нақши муҳим мебозад.

Бо як сухан, мекӯшидем, то марказро ба маскане табдил диҳем, ки ҳар як ҳамватану ҳамзабон тавонад бо умеду эътимод ба он мурочиат кунад, дар ҳалли мушкилоташ дастгирӣ ёбад, истеъдоду қобилияташро рушд диҳад, инчунин дар ҳифзу гиромидошти забону фарҳанг ва арзишҳои миллӣ саҳм гузорад.

Мусоҳиб
Фаридуни ФАРҲОДЗОД,
мухбири «Овози тоҷик».

НИГОҲЕ БА РӮЗГОРИ АРАБҲОИ ҚАШҚАДАРЁ

Дар ҳудуди Ӯзбекистони соҳибистиқлол миллату қавмҳои гуногуне умр бар сар мебаранд. Онҳо дар фазои дӯстиву рафоқат ва ҳамдигарфаҳмӣ як зиндагии ободу осоиштае доранд, ки аз сиёсати мардумсолорӣ ва халқпарваронаи ҳукумати феълии ҷумҳурӣ гувоҳӣ медиҳад. Роҳбари хирадманди мо Шавкат Мирзиёев дар баромадҳои худ миллатҳои сокини қаламрави ҷумҳуриро боигарии арзишманди Ӯзбекистон хонда, дӯстии байни онҳоро дар роҳи субот ва пешрафти ин хок муҳим арзёбӣ намудааст ва сиёсати дохиливу хориҷии ҳукуматро ба ҳамин нуктаи муҳим тавъам шуморидааст. Дар Сарқонуни ҷумҳурӣ ҳуқуқу ӯҳдадориҳои миллатҳои сокини он ба таври возеҳ сабт ёфта, риояти онҳо дар чаҳорчӯби қонун кафолат дода шудааст. Бартарӣ додан ба ҳуқуқҳои як миллат мамнуъ ва ин нуктаи хеле муҳим ҳамвора дар кори ҳукумати феълии мо риоят мешавад. Боиси ифтихор аст, ки Ӯзбекистони соҳибистиқлол бо мавҷудияти миллату қавмҳои гуногун як гулистони бошукӯҳеро мемонад ва ҳузури онҳо баҳори Ватани моро шукӯҳу шаҳомати хоса мебахшанд.



Яке аз чунин халқиятҳо миллати араб аст, ки дар шаҳру навоҳии кишварамон садсолаҳо ба ин ҷониб зиндагӣ мекунанд. Онҳо ҳоло дар замони иқтиқлол аз ҳуқуқҳои конститутсионии худ бештар бархӯрдор гашта, дар ҳифзу пойдории фарҳанг, тамаддун, урфу одоти миллӣ ва забони худ часпу талош меварзанд. Арабҳо аз ҷумла дар шаҳраки Ҷейнови ноҳияи Миришкор дастаҷамъона зиндагӣ мекунанд ва як зиндагии шоиставу ободе доранд. Ҷейнов 55 километр дур аз шаҳри Қаршӣ – маркази маъмурии вилояти Қашқадарё ҷой гирифта, ҳудуди 35-38 ҳазор аҳолӣ дорад ва назар ба маълумотҳо, 70 дарсади нуфуси онро арабҳо ташкил медиҳанд. Дар ин ҷо намояндагони миллатҳои тоҷик, ӯзбек ва туркман низ вуҷуд дошта, зиндагии бардавом онҳоро ба дӯстони ҷоние мубаддал кардааст. Аз суҳбат бо мардум аён гардид, ки замоне дар Ҷейнов 8-10 хонаводаи тоҷикон зиндагӣ мекардаанд, ки шуғли чорводорӣ доштаанд. Баъдтар арабҳо низ ин ҷо омадаву дар ҳамсоягии онҳо маскун шудаанд. Омадани арабҳоро ба ин минтақа ба густариш ёфтани дини ислом дар байни аҳолии Ворорӯд рабт медиҳанд. Аммо омадани арабҳои Ҷейновро ҳанӯз олимони ин соҳа таққиқи фароҳдомане накардаанд ва онҳо низ таърихи дар ин мавзеъ маскун шудани худро дақиқ намедонанд. Аммо сайри таърихии маҳз ба ин ҷо омадани арабҳо дар нақшу нигори гилемҳои пашмини дастибофти онҳо, ки хушбахтона то имрӯз маҳфуз мондааст, баръало ифода ёфтааст. Назар ба ақидаи мутахассисон, чандин хонадон аз ин қавм, ки мансуб ба қабилаи «шайба» будаанд ва худро тухмаи «Аввона» ва «Баввора» медонистанд, аз нимҷазираи Арабистон – атрофи шаҳрҳои Маккаву Мадина берун омадаву нахуст ворид Шом (Сурияи имрӯза) мешаванд ва чанде он ҷо зиста, баъдан ба хоки Эрон мегузаранд. Ба муҷибе ин маконро низ гузоштаву ворид Хуросон мешаванд. Сипас ин қавмро тақдир дар ҷустуҷӯи чарогоҳҳои обод ва серобу алаф ба самти муқобили рӯдхонаи Ому раҳнамун гашта, охируламр то даштҳои имрӯзи Қашқадарё меорад. Онҳо Ҷейновро ба худ Ватан қарор додаанд. Азбаски ин мавзеъ бештар ба ватани бобоии онҳо шабоҳат доштааст ва ба парвариши чорво хеле мусоид будааст, ба дигар мавзеъ кӯч набаста, муқим гаштаанд.

(Давомаш дар саҳ.4).

Дар театри мусиқӣ ва драмавии вилояти Самарқанд ба муносибати 35-солагии таъсисёбии Маркази фарҳангии арманиҳо «Луис» («Нур») анҷумани фарҳангӣ баргузор гардид, ки дар он вакилони миллатҳои гуногун ширкат варзиданд.

САНЪАТ ХАЛҚУ МИЛЛАТРО МУТТАҲИД МЕСОЗАД

Дар шаби дӯстӣ раиси Маркази фарҳангии арманҳои вилоят Армен Дер-Аванесян ҳозиронро хайра мақдам гуфта, таъкид намуд, ки маркази онҳо дар соли 1991 ташкил ёфта, аз рӯзи нахустини Истиқлолият дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмии халқҳо хизмати шоиста мекунад.

Дар анҷуман намояндаи ҳокимияти вилоят С.Бобомуродов, раиси Маркази фарҳангии арманҳои Ӯзбекистон В.Сафаров, роҳбари Маркази фарҳангии полякҳо Т. Татаренко ва дигарон ба сухан баромада, дар бораи сиёсати миллӣ, дӯстӣ, таҳаммулпазирӣ ва бародарию баробарӣ дар кишвари азизамон ҳарф заданд. Сипас консерти идона барпо гардид.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.

ТАБИАТ МЕКУНАД МОРО ТАБОБАТ



(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).

Барои мулоим кардани гулӯ

Чойе, ки аз гиёҳи сисанбар (тимьян) дам карда шудааст, гулӯро нарм мекунад. Ихроҷи балғамро осон мегардонад. Инчунин, ба микробҳое, ки бемориро ба вуҷуд меоранд, таъсири кушанда мерасонад. Барои ин аз баргҳои хушки сисанбар як қошуқча гирифта, аз болояш 250 миллиграмм оби ҷӯш меандозанд. 15 дақиқа дам мекунанд ва баъд ба он як қошуқ асал илова менамоянд. Рӯзе 5 пиёла нӯшидан мумкин аст.

Ҳангоми хирригии гулӯ

Омехтаи шарбати карам бо шакар барои ихроҷи балғам ва табобати хирригии гулӯ муфид аст. Барои ин, шарбати шакардори карамро 1 қошуқча ва рӯзе якчанд маротиба менӯшанд.

Ҳангоми пайдо шудани захм дар гулӯ

Агар дар гулӯ захм пайдо шавад, анзурат ва тухми гулашро омехта, ба он равғани мум (аз муми сафед ва равғани гул омода мешавад) илова намуда, кам-кам истеъмол кардан лозим аст.

Ҳангоми уфунати гулӯ

Ширеро, ки равғанаш гирифта нашудааст, бо равғани зард ҷӯшонида, гарм-гарм нӯшидан гулӯро нарм мекунад ва барои рафъи уфунати гулӯ ва сулфа кӯмак мерасонад.

Ҳангоми қатра-қатра омадани пешоб

Арпабодёни ёбоӣ дар табобати шошаи қатрагӣ фоида дорад.

Ҳангоми варами ғадуди бодомшакли гулӯ (тонзиллит)

5 дона сирпиёзро майда карда, ба ним литр оби ҷӯш меандозанд. Онро печонида, як шаб дам медиҳанд ва баъд аз дока мегузаронанд. Ҳангоми варами музмини ғадуди бодомшакли гулӯ бо ин маҳлул чайқондани гулӯ муфид аст.

Барои афтондани сангҳо

Агар сиёҳдонаро бо асал ба оби гарм омехта нӯшед, ба сангҳои пешобдон ва гурда таъсир карда, барои хориҷ шудани онҳо кӯмак мерасонад.

Ҳангоми доначаҳо (испарма)

Судаи пӯсти хушконидашудаи бодиринг ҳангоми бемориҳои пӯст, доначаҳо ва сӯхтагӣ кӯмак мерасонад.

Ҳангоми онфулонзо (грипп)

Чойи сабз хусусияти бактериякушӣ дошта, ҳангоми онфулонзо муфид аст. Барои ин 1 қошуқ чойи сабзро дар 1 истикон оби ҷӯш 15–20 дақиқа дам диҳед. Сипас бо ёрии чакрарез (пипетка) бинироро то тоза шудани луоб (фис) бишӯед. Муолиҷа рӯзе 6–8 маротиба гузаронида мешавад. Шабона пеш аз хоб ба бинӣ 2–3 чакра чойи сабзи талх чаконед.

Ҳангоми саръ (эпилепсия, тутқаноқ)

300 грамм испанди хушкро дар 9 литр оби ангур то ба аз чор як ҳисса боқӣ мондани он ҷӯшонида, баъд нӯшанд, дарди сари кӯҳна ва саръро рафъ мекунад.

(Давом дорад).

Таҳияи **З. ҲАМДАМОВА,**
А. РӮЗИМАТОВ.

НИГОҲЕ БА РЎЗГОРИ АРАБҲОИ ҚАШҚАДАРЁ

(Аввалаш дар саҳ.3).



Пажӯҳишгарон дар гилемҳои дастибофти онҳо нақшу нигорҳоеро ташхис кардаанд, ки қисм-қисм ба фарҳанги мардуми Шому Ироқ ва миллати тоҷику форси Эрону Хуросон мансубанд. Тахмин меравад, ки нусхаи қадимаи Қуръони Карим, ки бо номи Қуръони Усмонӣ маъруф аст, шояд ба туфайли ҳамин хонадони арабҳо ба Осиёи Марказӣ омадаву то кунун ҳифз шудааст. Нақшҳои ҳошияи ин китоб низ дар гилемҳои аз пашми гӯсфанд бофтаи арабҳои Ҷейнов омадаанд.

Дар мавриди топоними номи Ҷейнов фикрҳо низ мухталифанд. Тоҷикон решаи ин вожаро ба «ҷӯйи нав» пайванд медонанд, ки минбаъд суфта шудаву ба шакли «ҷейнов» даромадааст. Аммо арабҳои Ҷейнов ин калимаро моли забони арабӣ меҳисобанд ва баргирифта аз вожаи «чийна» медонанд, ки маънии «Мо расида омадем»- ро дорад.

Онҳо худогоҳу худшинос ҳастанд ва анъанаҳои миллии худро ҳифз кардаанд. Ҳатто шакли антропологии ин мардум тағйир наёфтааст ва маълум, ки дар ҳифзи аслияти худ эътибори ҷиддӣ додаанд. Аммо онҳо ба фарқ аз арабҳои минтақаҳои дигар худро саидзода (авлоди Паёмбар) намеҳисобанд.

Ҷейновиҳо ҳанӯз соли 1990 Ҷамъияти миллию фарҳангиеро созмон дода, барои ҳифзи асолати қавмӣ, пойдории забону фарҳанги худ пардохтаанд, ки дар замони ҳукумати Шуравӣ рахна дидааст. Эҳёи анъанаҳои қариб ба доми фаромӯшӣ рафта, ҳифзи забони модарӣ аз мақсадҳои асосии як идда фарзандони баору номусаш гаштаанд ва онҳо Маркази миллию фарҳангии арабҳои Ҷейновро бо номи «Арабҳои шӯравӣ» собти ном кардаанд. Минбаъд ин марказ дар замони истиқлолият соли 1992 дубора аз рӯйхати идораи адлия мегузарад. «Арабҳои шуравӣ» бо саъю эҳтимоми фарзандони барӯманди ин миллат профессор Анвар Чориев ва раиси хоҷагии давлатии «Ҷейнов» Муродилло Саидов (Қаҳрамони меҳнати Ӯзбекистон) ташкил шуда, то имрӯз фаъолияти босамаре дорад. Нахустин раиси он Анвар Чориев интихоб шудааст, ки то соли 1999 ин вазифаро дар ӯҳда дошт.

Ҳоло раис Давлатмурод Ёғмиров интихоб гардидааст. Назар ба гуфтаи ӯ дар Ҷейнов намояндагони миллатҳои араб, тоҷик ва ӯзбек дар фазои дӯстона умр бар сар бурда, дар рӯзҳои шодиву ғами худ ҳамеша шариканд.

– Арабҳои Ҷейнов то солҳои 70-уми қарни гузашта қариб пурра ба забони арабӣ суҳбат мекарданд ва дар ибтидои асри XX вазъ боз ҳам хубтар буд. Баъд аз инқилоб вазъ комилан тағйир ёфта, омехташавии миллатҳо рушд кард ва арабҳои Ҷейнов низ аз ин раванд дур намонданд. Забони арабӣ ҳоло дар байни насли куҳансол боқӣ мондааст, – изҳори таассуф кард Давлатмурод Ёғмиров.

Аммо ӯ аз он изҳори шодмонӣ намуд, ки то кунун анъанаю ҳунарҳои миллии арабҳо ҳифз шудааст. Бо кушиши фарзандони дилсӯз дастаи ҳунарию этнографии «Ал-ҷинат» созмон ёфтааст. Ин дастаи фолклорӣ бо либосҳои миллии хоси мардуми маҳаллии араб дар ҷашнвораҳои гуногун иштирок меварзанд. Онҳо аз мавҷудияти як қавми таърихӣ дар ин минтақа, ки ҳамеша дар дӯстиву рафоқат бо ақвоми дигар зиндагӣ доранд, ба таври возеҳ ишорат мекунанд. Ҳанӯз дар байни онҳо либосҳои миллии ба монанди «гиззии сурх ва сафед»-ро боқӣ мондааст, ки бонувон мепӯшанд. «Гиззии сурх»-ро духтарон то замони ба шавҳар расидан пӯшанд, «гиззии сафед»-ро бағд аз он дар бар мекунанд. Аз ҳунарҳои мардумӣ гилембофӣ боқӣ мондааст, ки дастӣ омода карда мешаванд. Ин гилемҳоро арабҳои маҳаллӣ «Ҷиҳезе» меноманд ва он аз пашми гӯсфанди арабӣ омода карда мешавад. Барои бофтани як гилеми андозаи 2х4 метр 15-20 рӯз меҳнат мекунанд. Дар замонҳои гузашта гилемҳои дастисохташон дар бозорҳои Бухоро харидорони зиёде доштаанд ва онҳо бо сифати баланди худ аз дигар гилемҳои минтақаҳо фарқ мекарданд.

Ёғмиров гуфт, ки Маркази миллию фарҳангӣ соли 2021 барои ба даст овардани 69 миллион сӯм грант муваффақ гаштааст ва дар асоси ҳамин грант дастаи ҳунарию фолклории «Ал-ҷинат»-ро созмон додаанд. Ин маблағ сарфи либос ва сози мусиқии миллӣ гаштааст. Онҳо соли 2025 боз барандаи 170 миллион сӯм грант шуданд, ки таҳти номи «Дӯстию рафоқати байни миллатҳо ва таҳаммулпазирӣ аз нигоҳи арабҳои Қашқадарё» сабти ном гаштааст. Тибқи ин лоиҳа омода ва ба нашр расонидани китоби «Луғати шеваи арабии ҷейновӣ»-ро дар нақша гирифтаанд, ки ҳоло дар арафаи анҷомёбист. Ҳамчунин нашри китоби «Фотоалбоми гилемҳои Ҷейнов»- ро дар амал татбиқ хоҳанд кард, ки ҳунарҳои волои миллатро ба аҳли ҷаҳон муаррифӣ хоҳад намуд. Аммо моҳи августи соли 2026 дар асоси фармоиши иҷтимоии давлат барандаи гранти дигаре гаштанд, ки лоиҳаи мазкур «Коркарди амиқи ашёи хоми маҳаллӣ (пашми гӯсфанди арабӣ); дар Ҷейнов гилембофии арабӣ ва ташкили маҷмааи коргоҳҳои маҳсулоти пашмӣ ва фаро гирифтани занону духтарон ба касб ва таъмини онҳо бо шуғли доимӣ» ном дорад. Қимати умумии тарҳи мазкур 1,5 миллиард сӯм аст.

Давлатмурод Ёғмиров гуфт, аз Чин дастгоҳҳои замонавии коркарди пашмро хоҳанд харид, ки ашёи хоми маҳаллиро шуставу тоза мекунад ва нахи аълосифат ресидаву ба шакли калоба медарорад. Нахи омодаро рангу бор ҳам мекунад, ки ин амалҳо қисмати пурмашаққати гилембофӣ аст. Агар ин кор дастӣ анҷом ёбад, вақти зиёд сарф мешавад ва самарадорӣ низ коҳиш меёбад. Боқии корҳои омода сохтани гилеми арабӣ дастӣ анҷом хоҳад пазируфт. Ба ин тартиб, 150 нафар занону духтарони бекори маҳаллӣ соҳиби шуғли доимӣ хоҳанд гашт.

Назар ба маълумотҳо, дар баъзеи дигар навоҳии вилояти Қашқадарё низ арабҳо дастаҷамъона зиндагӣ мекунанд. Масалан, дар ноҳияи Косон се деҳа – Арабхона, Пӯлотӣ ва Райимсӯфӣ. Ноҳияи Қаршӣ низ се деҳаи бузург дорад, ки Коҷор, Парвоза ва Каҳлак ном доранд ва дар ин мавзеъ низ арабҳо умр бар сар мебаранд.

Баъзе муаррихон ва устодони илми забоншиносӣ дар он назаранд, ки номи шаҳри Қаршӣ ба яке аз номҳои машҳури қабилаи араб – қурайш иртибот доштааст. Амир Темур, асосгузори давлати муқтадири Темуриён аз ҳар гушаи мамолики мусалмоннишин намояндагони қабилаи Қурайшро дар Насафи қадима ва Қаршии имрӯза ҷамъ оварда, барои баланд бардоштани мақоми давлати худ кӯшидааст. Онҳо хеле зиёд ҷамъ меоянд, ки аз шумори мардуми маҳаллӣ бештар будаанд ва ба аҳолии таҳҷоӣ худро «қурайшӣ» муаррифӣ мекарданд. Оҳиста-оҳиста номи аслии шаҳр аз забонҳо афтода, аввал шаҳри Қурайшӣ ва баъд тағйири лафзӣ дидаву ба Қаршӣ мубаддал мегардад. Ҳарчанд ин назар аз надоштани далоили муътамад саҳеҳ ба назар намерасад, вале ба ҳузури дастаҷамъонаи мардуми арабтабор дар вилояти Қашқадарё ба таври возеҳ ишора месозад.

Давлатмурод Ёғмиров гуфт, ки ҷаҳонишавӣ миллату қавмиятҳои хурдро зуд мунҳал месозад ва ин навъ мардум осебпазир буда, таҳти таъсири тамаддуни миллатҳои бузург ҳастии худро аз даст медиҳанд. Вазифаи марказҳои миллию фарҳангӣ ба ҷуз аз тарғиби дӯстӣ ҳифзи тамаддун, анъанаҳои қадимаву таърихии қавму миллатҳои кӯчак низ ҳаст.

Хушбахтона, ҳукумати Ӯзбекистон шароит муҳайё сохтааст, ки ҳама ақвоми маскуни ин хок ҳифз шаванд ва дар фазои дӯстиву рафоқат зиндагӣ ва барои обод кардани Ватани худ ҳисса гузоранд. Ӯзбекистон кишвари таҳаммулпазир аст ва ба кулли миллатҳои хурду бузург аз ин равзана бархурд мекунад.

Шариф ХАЛИЛ,
хабарнигори
«Овози тоҷик»
дар вилояти Қашқадарё.

Китобиёт

Ба наздикӣ китоби муаллими соҳибэҳтиром, ҳамкори фаъоли рӯзномаи «Овози тоҷик» Иноят Ҷӯраева – «Чароғафрӯз» тариқи хонаи табъу нашри «Маҳорат»-и шаҳри Самарқанд аз чоп баромад, ки дар он асосан мақолаҳои адабӣ, ёдномаҳо, мушоҳидаву мулоҳизаҳои муаллиф ҷамъоварӣ шудааст.



КИТОБИ ХОНДАНИВУ СУДМАНД

Иноят Ҷӯраева 25 сентябри соли 1951 дар деҳаи зебоманзари Варзики ноҳияи Чуст ба дунё меояд. Шояд таъсири муҳити хонаводагӣ ё ин ки обу ҳавою табиати нотакрори деҳа бошад, ӯ бо завқу шавқи беандоза нисбат ба илму адаб ба воя мерасад. Мактаби рақами 13-уми деҳаро бо медали тилло хатм намуда, донишҷӯи факултаи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд мегардад.

Иноят Ҷӯраева бо амри тақдир дар ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё касби омӯзгориро оғоз менамояд. Шогирдони ӯ дар давоми даҳсолаҳо дар марҳилаҳои вилоятиву ҷумҳуриявии олимпиадаҳои фаннӣ дастболо гардида, талошу самараҳои меҳнати устоди худро нишон медоданд.

Соли 1995 бо нишони сарисинагии «Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон», дертар бо яке аз мукофотҳои шоистаи кишвар – ордени «Дӯстлик» сарфароз мегардад.

Иноят Ҷӯраева омӯзгори тоифаи олии забон ва адабиёти тоҷик мебошад. Навиштаҳои хонданибоби ӯ дар рӯзномаҳои «Овози тоҷик», «Сариосиё» ва «Ховар» интишор мегардданд.

Бармегардем бар сари китоб. Хоҳ дар мақолаҳои адабӣ, хоҳ дар ёдномаву дилномаҳо, андешаҳои нависанда вомехӯранд, ки бешубҳа, дар натиҷаи ҷустуҷӯ ва таҷрибаҳои зиёд ё мушоҳидаҳои зиндагии тӯлонии ӯ рӯйи коғаз омадааст, инчунин навишта шудааст: «Мардум мекӯшанд ба фарзандону ворисони худ сарвати моддии бештар боқӣ гузоранд, аммо баъзан нисбат ба мероси маънавӣ – забони аҷдодӣ, фарҳанг ва ҳувияти миллӣ, ки оянда дар ин сарзамини таърихӣ боқӣ хоҳад монд ё не, лоқайду бетарафанд» (саҳ 88), ё ки «Умри инсон даргузор аст. Мегӯянд, танҳо касе дар поёни умр пушаймон нахоҳад шуд, ки онро сарфи кори ҳақ ва хидмати халқ карда, аз худ зурриёти солеҳ ва шогирдони содиқ боқӣ гузошта бошад»(саҳ 99).

Ҳамин тавр, муаллиф ба хонандаи худ гуфтаниҳои зиёд дорад. Агар китоброн дарёфт намуда, хонед, бешубҳа гувоҳи чунин андешаҳо мешавед. Азбаски шавқовар аст, хониши китоб тӯл намекашад. Тавре ки дар аввали он навишта шудааст: «Дар саҳифаҳои китоб масъалаҳои ҳифзи мероси фарҳангии ниёгон, посдории забони модарӣ, арзиши илму маърифат, мақому рисолати омӯзгор дар ҷомеа, нақши оила дар тарбияи насли наврас, инчунин масъалаҳои адабиёт, маърифат ва ахлоқ бо забони равону самимӣ баррасӣ шудаанд. Маҷмӯа барои омӯзгорон, донишҷӯён, муҳаққиқон ва ҳамаи дӯстдорони забон, адабиёт ва фарҳанг хондaниву судманд аст».

Набия НОДИРОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Этибор ба ҳунар ва аҳли ҳунар дар кишвари мо ҳамарӯза эҳсос карда мешавад. Театрҳо таҷдиду таъмир ва бо таҷҳизоти замонавӣ таъмин карда мешаванд, меҳнати ҳунарпешагон саривақт қадр мегардад ва шабҳои эҷодиашон баргузор мешавад.

ТАҶЛИЛИ ҶАШНИ КОМПОЗИТОР ВА ОҲАНГСОЗИ НОМӢ

Дар партави ин ғамхориҳо 10 ноябри соли равон дар Театри Калони давлатии опера ва балети ба номи Алишер Навоии пойтахт, ба муносибати 80-умин солгарди зодрӯзи Арбоби санъати Ӯзбекистон, барандаи Ҷоизаи давлатӣ, профессори кафедраи композитсия ва аранжировкаи Консерваторияи давлатии Ӯзбекистон, муаллифи асарҳои сершумор дар жанрҳои гуногуни мусиқӣ, пайвандгари ҳунари навозандагии Шарқ ва Ғарб, ҷашни бошукӯҳ баргузор гардид.

Ҷашни мутантанро нишасти матбуотие, ки дар толори хурди театр бо иштироки аҳли ҳунар, меҳмонони хориҷӣ, ходимони ВАО, аҳли илму адаб ва мухлисони ҳунарпеша баргузор шуд, ҳусни ифтитоҳ бахшид.

Дар баромади раиси Иттиҳодияи композиторон ва бастакорони Ӯзбекистон Р. Абдуллоев, Нависандаи халқии Ӯзбекистон Муҳаммад Алӣ, профессор Фирӯза Абдураҳмонова ва ҳампешагони соҳибҷашн меҳандӯстӣ, хоксорӣ, фидокорӣ, донишмандӣ ва дигар фазилатҳои соҳибҷашн ёдрас карда шуд.

– Композитор (оҳангсоз)- и нотакрор Мустафо Бафоев дар Тоҷикистон низ маҳбубияти зиёд дорад. Операҳои ӯ «Шайхурраис Ибни Сино», «Умари Хайём» ва «Борбад» дар саҳни Театри давлатии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ борҳо намоиш дода шудаанд, мавсуф узви ифтихории Иттифоқи композиторони Тоҷикистон мебошад, – гуфт дар баромади худ раиси Иттиҳодияи композиторони Тоҷикистон Амирбек Мусо. Ва зери кафкӯбиҳои бардавом соҳибҷашнро бо нишони Аълочии фарҳанги Тоҷикистон ва туҳфаи гаронбаҳо сарфароз гардонд.

Дар ин ҷараён ходимони телевизиони марказӣ серкор буданд, соҳибҷашн ба суолҳои хабарнигорон ҷавобҳо дод.

Раиси Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикон ва форсизабонҳои вилояти Бухоро Рауф Авезов соҳибҷашнро бо сурудҳои мавригӣ, рақсҳои ҷаззоби ҳунарпешагони вилоят ва туҳфаҳои гаронбаҳо табрик гуфт.

Баъд аз нишасти матбуотӣ дар саҳнаи бузурги театри калон барои алоқамандони ҳунар ва мухлисони сершумор, ки толорро пур карда буданд, операи «Алишер Навоӣ»-и маэстро намоиш дода шуд.

А. СУБҲОНОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик».

14 ноябр – Рӯзи байналмилалии мубориза бар зидди диабети қанд

ДИАБЕТ ЧӢ ГУНА ПЕШГИРӢ МЕШАВАД?

Диабети қанд аз ҷумлаи маризиҳоест, ки ба ҳаёти инсон таҳдиди ҷиддӣ дорад. Беҳуда нест, ки ҳар сол 14 ноябр ҳамчун Рӯзи байналмилалии мубориза бар зидди диабети қанд таҷлил мегардад. Дар арафаи ин сана мо бо корманди шуъбаи Маркази махсуси тиббии илмиву амалии эндокринологияи ҷумҳурӣ, диспансери эндокринологияи вилояти Бухоро эндокринологи тоифаи олӣ Комила ХОЛЛИЕВА суҳбат кардем.



– Комила Саидовна, Шумо, ки таҷрибаи беш аз 35-сола доред, дар бораи моҳияти «Рӯзи байналмилалии мубориза бар зидди диабети қанд» чанд сухан мегуфтед.

– Ин сана дар миқёси байналхалқӣ васеъ таҷлил мегардад ва инсониятро аз хатари ҷиддӣ огоҳ месозад. Инчунин баҳри пешгирии ин маризӣ ва таъминсозии ояндаи солим ба муттаҳидшавӣ водор менамояд. Ҳоло диабети қанд на фақат мушкилоти ҷаҳонии тиббӣ, балки масъалаи ҷиддиест, ки ба саломатии ҳар як хонадон таҳдид дорад. Мутаассифона, аксарият ба ин маризӣ саривақт эътибор намедиҳанд, онро бемории ҷиддӣ немепиндоранд, ё худро бардаму солим ҳисобида бепарвоӣ зоҳир мекунанд.

– Диабет чист ва чӣ гуна хатар дорад?

– Диабети қанд бемориест, ки дар натиҷаи норасоии гармони инсулин – мутобиқкунандаи миқдори қанд (глюкоза) дар таркиби хуни организми инсон, ё ки заифшавии эҳсосоти бофтаҳои вуҷуд падид меояд.

Диабет ду намуд дорад: намуди якум: бештар дар бачагону наврасон дида мешавад ва аз сабаби ба дараҷаи кофӣ инсулин кор карда набаромадани организм рух медиҳад.

Намуди дуюм хеле паҳн шудааст – вазни зиёдатӣ, тарзи нодурусти хурокхӯрӣ ва камҳаракатӣ боиси рушдёбии ин навъи диабет мегарданд. Хатари асосӣ кашол ёфтани давраи ниҳонии он аст. Бепарвоӣ нисбати ташнагӣ, зуд-зуд ба ҳоҷат рафтан, беҳолӣ, хирагии чашм ва ғайра аз баландшавии миқдори қанд дар хун гувоҳӣ дода, он ба дил, рагҳои хунгард, гурда ва низоми асаб тадриҷан зарари ислоҳнопазир мерасонад.

– Имрӯз вазъи бемории диабети қанд ва муолиҷаи он дар вилоят чӣ гуна аст?

– Ҳоло бобати ҳифзи саломатии аҳолӣ, хусусан бармаҳал муайян кардани маризиҳои эндокринӣ ва муолиҷаи онҳо чораю тадбирҳои бонизом амалӣ мегарданд.

Алҳол дар вилоят 1447 нафар беморони намуди якуми диабет ба қайд гирифта шудаанд, ки 329 нафарашон бачагон ва наврасони то синни 18 мебошанд.

Бемороне, ки ба навъи дуюми диабет дахл доранд, 27602 нафаранд.

Дар вилоят ба мақсади сари вақт муайян кардани беморӣ чорабиниҳои зиёди профилактикӣ гузаронида мешаванд. Шумораи аҳолии аз 40-сола болои вилоят 703667 нафар буда, дар давоми 9 моҳи гузаштаи соли ҷорӣ 555703 нафар (қариб 80 фоиз)-и онҳо аз муоинаи махсуси скрининг гузаронида шуданд. Натиҷаи ин тадбир чунин аст: дар 3028 шахс бемории диабети қанд (бори аввал); дар 27163 нафар ҳолати пешаздиабетӣ; дар 12056 шахрванд фарбеҳӣ (омили хатарноки ба диабет гирифторкунанда) муайян гардид.

– Дар мамлакат барои беморони эндокрин чӣ гуна имконияту имтиёзҳо мавҷуданд?

– Дар кишвар, аз ҷумла дар вилояти мо масъалаи дастгирӣ кардани онҳое, ки ба ин маризӣ гирифтор шудаанд, дар назорати давлатӣ аст. Беморони бақайдгирифташуда, хусусан бачагон ва наврасони то синни 18 аз буҷаи давлат бо инсулини босифат, инчунин бо тестҳои таркиби хун бепул ва мунтазам таъмин карда мешаванд.

Дар диспансери эндокринологии вилоят, поликлиникаҳои оилавии шаҳру ноҳияҳо барои беморон «Мактабҳои диабет» фаъолият доранд. Дар онҳо ба беморон роҳҳои назорати мустақилонаи миқдори қанд, тартиби дурусти хӯрокхӯрӣ, тарзи солими зиндагӣ бемузд омӯзонда мешаванд.

– Бобати пешгирӣ намудани маризӣ, хусусан намуди дуюми диабети қанд чӣ маслиҳат медиҳед?

– Дар навбати аввал мо бояд ба саломатии худ эътибор диҳем.

Пешгирӣ аз навъи дуюми диабети қанд аз худи мо вобаста аст. Мутахассисон ба чунин қоидаҳои одӣ амал карданро тавсия мекунанд: тарзи дурусти таомхӯрӣ, хӯрдани таомҳои зудҳазмшаванда, махдуд кардани истеъмоли шакар ва нӯшокиҳои ширин, истеъмоли бештари сабзавот ва мева.

Ҳамеша дар ҳаракат будан, рӯзе 30 дақиқа пиёда гаштан боиси беҳтаршавии инсулин дар организм мегарданд.

Муҳимаш мунтазам аз назорати тиббӣ гузаштан. Агар синну сол аз 40 боло бошад, соле ақаллан як бор дар поликлиника миқдори қандро дар таркиби хун санҷидан.

– Дар бораи дирӯз ва имрӯзи (диспансери) муолиҷаҳои эндокринологии вилоят низ чанд сухан мегуфтед.

– Бояд гӯям, ки аввалин хонаи эндокринология дар вилоят соли 1964 арзи вуҷуд кардааст. Баъдтар нахуст дар таркиби шуъбаи кардиология (дорои 20 ҷой), сонитар чун шуъбаи эндокринология (дорои 40-то чой) фаъолият дошт.

Диспансери эндокринологияи вилоят соли 1975 чун муолиҷагоҳи алоҳида ба кор сар кард.

Солҳои аввал муассиса ҳарчанд дар биноҳои номувофиқ амал мекард, ба аҳолӣ кӯмаки хуби эндокринологӣ мерасонд. Туфайли донишу малакаи кофӣ, масъулиятшиносӣ ва фидокориҳои духтурон ва кормандони тиббӣ диспансер тайи ин солҳо вазифаи худро сарбаландона иҷро кард.

То соли 2001 дар таркиби диспансер як поликлиника ва ду шуъбаи статсионарӣ фаъолият дошт.

Соли 2002 имкониятҳои муассиса афзуд. Ду шуъбаи диабетология, шуъбаи эндокринологияи бачагон ва шуъбаи эндокринологияи умумӣ ташкил шуданд. Ин имкон дод, ки ба беморони гирифтори диабети қанд ва маризиҳои дигари эндокринӣ ёрии тиббии ихтисосник расонда шавад.

Диспансер бо таҷрибаи бисёрсола, бо мутахассисони соҳибмалакаву эътибори худ ба беморон дар соҳаи тиббиёти вилоят мавқеи муносиб дорад.

Соли 2025 диспансери эндокринологияи вилоят ба бинои нави замонавӣ кӯчид. Ин қадами муҳим сӯи дигаргуниҳои замонавӣ ва имкониятҳои нав барои оянда аст. Ҳоло дар таркиби он поликлиника, шуъбаҳои ташхис, диабетология, нефропатияи диабет, эндокринологияи умумӣ, ҷарроҳӣ, реанимятсия ва лаборатория фаъолият доранд.

Муассиса дар як вақт ба 120 бемор хидмати статсионарӣ ва ба 100 нафар хидмати сифатноки амбулаторӣ расонда метавонад.

Дар охир мехостам таъкид кунам: диабети қанд ин ҳукм нест. Агар вай саривақт муайян гардида, таҳти назорат гирифта шавад, бо интизоми қавӣ ва тарзи солими рӯзгор бартараф кардан, яъне бар он дастболо шудан имконпазир аст.

– Барои суҳбати муфассал ташаккур.

– Саломат бошед.

Амрулло АВЕЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик»
дар вилояти Бухоро.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадей, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1128.
Адади нашр 2033. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
9 772010 775001

Муҳаррири навбатдор:
А. Субҳонов.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 22.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.